آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

7 июни соли 2023
Чоршанбе
№ 45 (14952)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

***ЎЗБЕКИСТОН – ҚАТАР:***

## САФАРИ ТАЪРИХИЕ, КИ УФУҚҲОИ НАВИ ҲАМКОРИРО БОЗ КАРД

**Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 5-6 июн Амири Давлати Қатар шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ бо сафари давлатӣ ба кишвари мо омад.**



Муносибатҳои дипломатӣ байни ду кишвар 25 сол қабл муқаррар шуда буданд, аммо Амири Қатар бори аввал ба кишвари мо сафари давлатӣ анҷом дод. Ин натиҷаи рушди фаъоли ҳамкорӣ дар солҳои охир мебошад. Ҷонибҳо ба сафар омодагии ҷиддӣ диданд, бастаи ҳуҷҷатҳои муҳим барои имзо тартиб дода шуд.

Дар фурудгоҳи шаҳри Самарқанд 5 июн Амири Давлати Қатарро сарвари Ўзбекистон пешвоз гирифт.

6 июн дар Самарқанд чорабиниҳои асосии сафар бо маросими истиқболи расмии сарвари Қатар оғоз ёфт.

Дар майдони назди бинои Маркази конгресс қаровули фахрӣ саф орост. Президенти Ўзбекистон меҳмони олимақомро самимона истиқбол намуда, ба минбар даъват кард.

Оркестри ҳарбӣ мадҳияҳои давлатии ду кишварро навохт.

Сарони давлатҳо аз пеши сафи қаровули фахрӣ гузашта, аъзои ҳайати вакилони расмиро истиқбол намуданд.

Сипас дар Маркази конгресси шаҳри Самарқанд музокироти байни Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Амири Давлати Қатар шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ баргузор гардид.

Ба масъалаҳои рушди минбаъдаи муколамаи сиёсӣ ва табодули фарҳангию башардўстӣ, густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Дар оғози мулоқот Амири Қатар ба роҳбари давлати мо барои даъват, инчунин истиқболи гарму самимона нисбати ҳайати Қатар изҳори миннатдории самимӣ кард.

Таъкид гардид, ки нахустин сафари сатҳи олӣ дар таърихи муносибатҳои дипломатӣ марҳилаи нави ҳамкориҳои дуҷонибаро боз карда, имкон медиҳад, ки он ба сатҳи шарикии ҳамаҷониба бароварда шавад.

– Мо Қатарро натанҳо дар минтақаи Ховари Миёна, балки дар тамоми дунёи арабу мусулмон шарики умедбахши худ медонем. Ба туфайли робитаҳои мо солҳои охир дар муносибатҳои дуҷониба пешравии воқеӣ ба амал омад, – таъкид намуд сарвари давлати мо.

Гуфта шуд, ки соли ҷорӣ дар Тошканд ифтитоҳ шудани сафорати Қатар дар пешбурди фаъолонаи ҳамкориҳои дуҷониба нақши муҳим бозид.

Ҷониби Қатар изҳори итминон кард, ки кушода шудани сафорати Ўзбекистон дар Доха ба ин раванд такони қавӣ хоҳад бахшид.

Омодагӣ ба афзоиши чандкаратаи нишондиҳандаҳои тиҷорати дуҷониба, татбиқи амалии лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ва қарордодҳои тиҷоратӣ тасдиқ гардид.

Дар бораи иштироки ширкатҳои пешбари Қатар дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузории арзиши умумиаш беш аз 12 миллиард доллар дар соҳаҳои энергетика, саноати газу кимё, кишоварзӣ, инфрасохтор, логистика, сайёҳӣ ва дигар созиш ҳосил шуд.

Барои дастгирии лоиҳаҳои пешомаднок пешниҳод шуд, ки моҳи сентябри соли ҷорӣ форуми сармоягузории Ўзбекистону Қатар гузаронда, инчунин масъалаи фароҳам овардани механизмҳои маблағгузории лоиҳаҳои муштарак баррасӣ карда шавад.

Сарони давлатҳо муҳим будани ташаккули долонҳои кўтоҳтарин, боэътимод ва бехатари нақлиётию логистикиро, ки Осиёи Марказиро бо кишварҳои Халиҷ мепайвандад, таъкид карданд.

Барои дастгирии ҳамаҷонибаи талошҳое, ки ба густариши табодули фарҳангӣ, маърифатӣ ва сайёҳӣ нигаронда шудаанд, аз ҷумла тавассути баргузории ҳафтаҳои муштараки фарҳангӣ, консертҳо, экспозитсияҳо, намоишгоҳҳои ҳунарҳои мардумӣ ва ошпазӣ изҳори омодагӣ карда шуд. Зимнан зикр гардид, ки роҳандозии парвозҳои мунтазам байни пойтахтҳои ду кишвар ба густариши робитаҳои тиҷоратӣ ва афзоиши гардиши мутақобилаи сайёҳон мусоидат мекунад.

Инчунин оид ба масъалаҳои мубрами рўзномаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт. Ҷонибҳо барпо намудани сиёсати прагматикиро нисбати Афғонистон пайравӣ намуданд. Аҳамияти дастгирии иқтисодиёти мамлакат ва расондани ёрии башардўстона ба халқи афғон қайд гардид.

Дар ин ҷанба дурнамои пешбурди муштараки татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ оид ба таъсиси долони роҳи оҳани Трансафғон баррасӣ шуд.

Дар охир шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ сарвари давлатамонро ба сафари Қатар даъват кард.

Дар поёни музокироти сатҳи олӣ дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Амири Қатар шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ маросими имзои 15 ҳуҷҷати дуҷониба, ки ба рушди минбаъда ва амиқсозии ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ, фарҳангию башардўстӣ ва дигар соҳаҳо нигаронда шудаанд, баргузор гардид.

Аз ҷумла, инҳо қабул шуданд:

– Созишнома байни ҳукуматҳо дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ;

– Созишнома байни ҳукуматҳо дар бораи худдорӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирии саркашӣ аз пардохти андози даромад ва амвол;

– Созишнома байни ҳукуматҳо дар бораи кумаки мутақобила дар масъалаҳои гумрукӣ;

– Созишнома байни ҳукуматҳо дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ;

– Созишнома байни ҳукуматҳо дар бораи аз талаботи раводид озод кардани соҳибони шиносномаҳои дипломатӣ;

– Меморандум байни ҳукуматҳо дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи таълими олӣ ва тадқиқотҳои илмӣ;

– Меморандум байни ҳукуматҳо дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг;

– Меморандум дар бораи ҳамкориҳои тиҷоратӣ;

– Меморандум дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва бехатарии озуқаворӣ;

– Меморандум дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифз ва карантини растаниҳо;

– Меморандум дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш ва дастгирии ҷавонон;

– Меморандум дар бораи ҳамкорӣ байни шаҳри Тошканд ва шаҳри Доха.

Инчунин барномаҳои ҳамкорӣ бинобар хати вазоратҳои корҳои дохилӣ ва адлия барои солҳои 2023-2025, инчунин Созишнома дар бораи таъсиси платформаи муштарак барои маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба имзо расиданд.

Пас аз ин Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Амири Қатар шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ дар боғи Маркази конгресси Самарқанд дарахт шинонданд.

Маросими рамзӣ оғози марҳилаи нави муносибатҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистону Қатар ва пайравии роҳбарон ба таҳкими дўстии байни халқҳои мо гардид.

Бо ҳамин сафари давлатии Амири Давлати Қатар шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ ба Ўзбекистон анҷом ёфт.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Ғолиб ҲАСАНОВ,**
**хабарнигорони ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ПРЕЗИДЕНТ БО ЛОИҲАИ МАВЗЕИ ЗАМОНАВӢ ДАР САМАРҚАНД ШИНОС ШУД

**Дар рафти сафар ба Самарқанд Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти нақшаи маҳорати мавзеи «Ширин» шинос шуд.**

Ин маҳалла дар наздикии фурудгоҳи байналмилалӣ, дар соҳили дарёи Зарафшон ҷойгир шудааст. Дар ин ҷо дар идомаи корҳои созандагӣ, ки солҳои охир дар Самарқанд амалӣ мешаванд, бунёди мавзеи замонавӣ ба нақша гирифта шудааст. Барои ин 389 гектар замин ҷудо шудааст.

Мувофиқи лоиҳа дар ҳудуди мавзеъ биноҳои серўтоқаи истиқоматӣ, мактабу боғчаҳои бачагона, поликлиника, иншоотҳои варзишию фароғатӣ сохта мешаванд. Маҷмўъҳои калони тиҷоратӣ ва савдо ба рушди иқтисодиёт ва афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ такони иловагӣ хоҳанд бахшид. Барои пайвастани шаҳр бо мавзеъҳои нав, кўпрукҳо ва роҳҳо, инфрасохтори зарурӣ ва шабакаҳои коммуникатсионӣ сохта мешаванд.

Сарвари давлат оид ба такмил додани лоиҳа дар асоси таҷрибаи шаҳрсозӣ, васеъ намудани миқёси хидматрасонии иҷтимоӣ супоришот дод.

**ЎзА.**

## ФБА ДАСТГИРИИ БАРНОМАИ ИСЛОҲОТИ БЕБОЗГАШТИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВРО ВАСЕЪ МЕГАРДОНАД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 6 июн дар шаҳри Самарқанд директори иҷрогари Фонди байналмилалии асъор Кристалина Георгиеваро қабул кард.***

Масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкории бисёрҷонибаи Ўзбекистон бо Фонди байналмилалии асъор, аз он ҷумла бинобар чунин самтҳои афзалиятнок ба мисли ислоҳот оид ба таъмини устувории макроиқтисодӣ, такмил додани сиёсати пулию қарзӣ ва фискалӣ баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандӣ қайд карда шуд, ки солҳои охир ҳамкорӣ бо ФБА ба таври қобили мулоҳиза густариш ёфт. Дар солҳои охир беш аз 70 миссияи фонд ба Ўзбекистон ташриф оварда, кумаки экспертӣ ва техникӣ густариш меёбад.

Сарвари ФБА Кристалина Георгиева изҳори пуштибонӣ ва омодагии комил ба идомаи барномаи ислоҳоти бебозгашт дар Ўзбекистони Нав кард.

Инчунин оид ба масъалаҳои мубрами иқтисоди ҷаҳонӣ ва рушди устувор табодули афкор сурат гирифт.

Бо ҳамин сафари Президенти Ўзбекистон ба Самарқанд анҷом ёфт, сарвари давлат ба Тошканд баргашт.

**ЎзА.**

***Дар мавзўи муҳим***

## МАРҲИЛАИ МУҲИМИ МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТ

***Ҳафт сол муқаддам Ўзбекистон ба марҳилаи нави тараққиёт қадам гузошт. Дар давраи гузашта ислоҳоти зиёди куллӣ ба амал бароварда шуданд, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии ҷамъиятро фаро гирифтаанд.***

***Дар баробари ин, дар байни самтҳои муҳимтарин дигаргунсозиҳои демократӣ, ки ба таъмини доираи васеи ҳуқуқу озодиҳои инсон, либерализатсияи ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, озодии воситаҳои ахбори омма нигаронида шудаанд, ҳастанд, ки дар таҳрири нави Конститутсия инъикос ёфтааст. Ислоҳоти мазкур инчунин имкон дод, ки қонунгузории миллии интихобот таҷдид карда шавад, ки барои дар сатҳи нав баргузории интихобот мусоидат мекунад.***

***Тавре маълум аст, марҳилаҳои асосии раванди интихоботро санадҳои қонунгузорӣ: таъини интихобот, ташаккули заминаи ташкилию технологӣ, пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо, пешбурди таблиғот, овоздиҳӣ, муайян кардани натиҷаҳо ва қонунӣ гардонидани онҳо ба тартиб меоранд.***

### Таҷрибаи ҷаҳонӣ

Яке аз марҳилаҳои муҳими раванди интихобот пешбарии номзадҳо мебошад.

Дар ин ҷо доираи шахсоне муайян карда мешавад, ки аз байни онҳо ҳамаи шахсони мансабдори интихобшуда (депутатҳо, сенаторҳо, Президент ва дигарон) интихоб карда мешаванд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ се роҳи асосии пешбарии номзадҳоро: аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, гурўҳҳои интихобкунандагон ва худпешбарӣ эътироф мекунад.

Пешбарии номзадҳо аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар интихоботи Шўрои миллии Австрия, Бундестаги ҶФО, Палатаи намояндагони парлумони Ҷопон амалӣ карда мешавад. Ин усул чун қоида дар системаи намояндагии мутаносиб, дар шароити ҳавзаҳои якмандатии интихоботӣ, ки номзадҳо аз рўи рўйхат пешбарӣ карда мешаванд, истифода мешавад.

Интихоботи ибтидоӣ (праймериз) дар Иёлоти Муттаҳида каме ҷудо шуда меистад, ки дар он номзадро на мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб, балки аз ҷониби интихобкунандагоне, ки ба тарафдории он овоз медиҳанд, муайян мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ, ки институтҳои хоси ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд, ба амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ нигаронида шудаанд. Онҳо инчунин ҳамчун каналҳои иртиботи мустақим ва бозгашти байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амал мекунанд. Ҳокимияти давлатии ҳар як ҳизб дар интихоботи даврагӣ муайян карда мешавад. Ба ин муносибат тартиби ташкил ва гузарондани интихобот бояд ба вазъияти ҷамъиятию сиёсии мамлакат мувофиқ бошад.

Пешбарӣ кардани номзадҳо дар маъракаи интихоботӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, роҳи инкишофи минбаъдаи онро муайян мекунад. Ҳама марҳилаҳои минбаъдаи муборизаи пешазинтихоботӣ, пастиву баландиҳои рақобати интихоботӣ ба он вобаста аст, ки ҳамчун довталаби курсии президентӣ кӣ ном бурда мешавад.

### Ҳуқуқи пешбарӣ кардани номзад: он чӣ тавр кор мекунад?

Мутобиқи моддаи 37-уми Кодекси интихоботи Ҷумҳурии Ўзбекистон ҳуқуқи пешбарии номзадро ба номзадӣ ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ҳизбҳои сиёсӣ доранд. Тибқи моддаи 62 ҳуқуқи пешбарии номзадро ҳизби сиёсӣ ба шарте дорад, ки он аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон на дертар аз чор моҳ пеш аз эълони оғози маъракаи интихобот ба қайд гирифта шуда бошад.

Дар айни ҳол дар Ўзбекистон панҷ ҳизби амалкунандаи сиёсӣ расман сабти ном шудаанд: Ҳизби халқии демократии Ўзбекистон, Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат», Ҳизби демократии «Миллий тикланиш», Ҳизби либерал-демократӣ ва экологии Ўзбекистон.

Кодекси интихоботи Ҷумҳурии Ўзбекистон номгўи ҳуҷҷатҳоеро муайян мекунад, ки ҳизбҳои сиёсӣ барои иштирок дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бояд пешниҳод кунанд. Ҳамин тариқ, тибқи моддаи 63, ҳизби сиёсӣ барои иштирок дар интихобот ба Комиссияи марказии интихоботӣ бояд инҳоро тақдим намояд:

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

# МАРҲИЛАИ МУҲИМИ МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

☐ ариза дар бораи иштирок дар интихобот, ки аз ҷониби роҳбари ҳизб имзо шудааст;

☐ маълумотномаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки иттилоъ дар бораи бақайдгирии ҳизби сиёсиро фаро мегирад;

☐ маълумот дар бораи номзади оянда ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.

Дар асоси ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда КМИ дар мӯҳлати панҷ рӯз дар бораи роҳ додани ҳизб ба иштирок дар интихобот қарори қатъӣ қабул мекунад ва намояндаи ваколатдори ҳизби сиёсӣ гувоҳномаи қайд ва варақаҳои имзои намунаи муқаррариро медиҳад. Руйхати ҳизбҳое. ки дар интихобот иштирок мекунанд, бо тартиби навбати вуруди ариза дар матбуот чоп карда мешавад.

Пешбарии номзадҳо ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз ҷониби мақомоти олии ҳизбҳои сиёсӣ амалӣ карда мешавад. Ҳизби сиёсӣ ҳақ дорад номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистонро танҳо аз ҳисоби аъзои ҳизб ё беҳизбиён пешбарӣ намояд. Дар бораи пешбарии номзад ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон баённома тартиб дода мешавад. Роҳбари ҳизби сиёсӣ ба Комиссияи марказии интихоботӣ бо дархости бақайдгирии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки ба он ҳуҷҷатҳои дахлдор замима карда мешавад, муроҷиат мекунад (моддаи 64 Кодекси интихоботи Ҷумҳурии Ўзбекистон).

Комиссияи марказии интихобот оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба ҳизбҳои сиёсӣ варақаҳои имзои намунаи муқарраршуда медиҳад.

### Расмигардонии бланкаҳои варақаи имзо

Мувофиқи моддаи 34-уми Кодекси интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон ҳизби сиёсие, ки номзад ба президентӣ пешбарӣ намудааст, ҳуқуқ дорад барои ширкат дар ҷамъомадҳои комиссияҳои интихботӣ, супурдани ҳуҷҷатҳо, санҷидани дуруст тартиб дода шудани варақаҳои имзо, шумурдани овозҳо намояндаи ваколатдорро таъин кунад.

Бланкаҳои варақаҳои имзои шакли муқарраршуда аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботӣ пас аз эълони оғози маъракаи интихоботӣ дода мешавад. Тибқи моддаи 38 Кодекси мазкур, интихобкунандагон ҳуқуқ доранд ба тарафдории як ё якчанд ҳизби сиёсӣ ба варақаи имзо имзо гузоранд.

Аз ҷониби КМИ дар варақаҳои имзо ҷойгир кардани логотипи ҳизбҳои сиёсӣ барои васеътар хабардор намудани интихобкунандагон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ хизмат мекунад. Ин, аз як тараф, ба он мусоидат мекунад, ки интихобкунанда тасаввуроти дақиқ дошта бошад, ки кадом ҳизбро дастгирӣ мекунад ва аз ҷониби дигар, кадом ҳизби сиёсӣ имзо ҷамъоварӣ кардааст.

Ҷамъоварии имзои интихобкунандагон дар ҷои кор, хизмат, таҳсил, иқомат, дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ, инчунин дар дигар ҷойҳое, ки пешбурди ташвиқот ва ҷамъоварии имзо тибқи қонун манъ карда нашудааст, анҷом дода мешавад. Ҳар шакли маҷбуркунӣ ва ришваситонӣ ба интихобкунандагон аз ҷониби шахсе, ки имзо ҷамъ мекунад, боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун мегардад.

Варақаи имзо аз ҷониби шахсе, ки имзо ҷамъоварӣ кардааст, бо нишон додани насаб, ном, номи падар имзо карда, инчунин аз ҷониби роҳбари сохтори ноҳиявӣ, шаҳрии ҳизби дахлдори сиёсӣ ва муҳр тасдиқ карда мешавад.

Интихобкунандагон ҳуқуқ доранд ба тарафдории як ё якчанд ҳизби сиёсӣ ё номзадҳо имзо гузоранд. Маълумоти нишондодашуда дастӣ ворид карда мешавад.

Дуруст тартиб дода шудани варақаҳои имзое, ки ҳизбҳои сиёсӣ тақдим намудаанд, аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботӣ дар давоми панҷ рӯз тафтиш карда мешавад. На камтар аз 15 фоизи шумораи зарурии имзои интихобкунандагон ва маълумоти дахлдор дар бораи интихобкунандагоне, ки ба варақаҳои имзо имзо гузоштаанд, бояд тафтиш карда шавад.

Комиссияи марказии интихобот метавонад барои санҷиши дурустии варақаҳои имзоҳо гурӯҳи коршиносон таъсис диҳад. Ба он мутахассисони мақомоти корҳои дохилӣ, адлия, инчунин намояндагони институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ҷалб карда шудаанд. Онҳо ба дуруст пур кардан, ба онҳо ворид намудани ислоҳҳо, ба он ки аз ҷониби кӣ пур карда шудааст ё имзоҳои якхела мавҷуданд ё не эътибор медиҳанд. Дар санҷиш намояндагони ваколатдори ҳизбҳои сиёсӣ низ иштирок мекунанд.

Дар сурати ошкор шудани вайронкунии қонун ҳангоми азназаргузаронии визуалӣ варақаҳо ба намояндаи ваколатдори ҳизби сиёсӣ баргардонида шуда, ба он барои ислоҳи камбудиҳо ду рӯз мӯҳлат дода мешавад.

Аз рӯи натиҷаҳои тафтиши гурӯҳи коршиносӣ оид ба ҳар як ҳизби сиёсӣ хулоса бароварда мешавад. Он барои қабули қарори дахлдори КМИ, ки ба ҳизби сиёсӣ ҳуқуқи иштирок дар интихоботро иҷозат медиҳад ё рад мекунад, асос мегардад.

Умуман, раванди пур кардани варақаҳои имзо аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ дар баланд бардоштани фаъолияти ҷамъиятии корпуси интихоботӣ муҳим аст.

**Амонулло МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори фанҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори ДДҲТ.**



## Ҳосил пурбаракат мегардад

*Чун дар тамоми ноҳияҳои вилояти Фарғона дар Риштон ҳам ҷамъоварии ҳосили зудраси пилла дар авҷ аст.*

*Мавсими ҷорӣ дар ноҳия 172 қуттии кирмак дар асоси қоидаҳои агротехникӣ парвариш карда шуд. Дар шабакаҳои қабули хоҷагиҳои фермерӣ ва хонакорӣ алҳол ин ашёи хоми саноатӣ бо сифати баланд супурда мешавад. Мувофиқи ҳисобу китобҳои пешакӣ дар ноҳия беш аз 126 тонна ҳосили пилла рӯёнида шудааст. Бинобар он ки аз ҷониби ташкилотҳои масъули парвариши кирми пилла шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуданд, ҳамчунин дар соҳа хонакорӣ васеъ ҷорӣ гардид, натиҷаҳои хуб ба даст меоянд.*

*– Барои даромади иловагии хонавода ва баҳри зиёд намудани собиқаи кории худ ҳар сол як куттӣ кирмак парвариш мекунем, – мегӯяд хонакор Ҳабиба Назирова. – Рӯзҳои наздик ҳосили имсоларо ҷамъ меоварем. Ният дорем, ки беш аз 100 килограмм пиллаи хушсифат рӯёнем.*

***Дар сурат:** дар ноҳияи Риштони вилояти Фарғона ҷамъоварии ҳосили зудраси пилла бо авҷ идома дорад.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ. (ЎзА).***

# ҚАБУЛИ САЙЁР БАРОИ ШАҲРВАНДОНИ ЧОР ВИЛОЯТ

***Дар ноҳияи Иштихони вилояти Самарқанд бо мақсади боз ҳам такмил додани сохтори кори «маҳаллабайъ» ва зудтар ҳал кардани муаммо дар ҷойҳо қабули оммавии гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ барпо гардид.***
***Дар он раиси Суди олӣ, Сарпрокурор, вазири корҳои дохилӣ ва кумитаи андоз, роҳбарони қабулхонаҳои халқии Президент муроҷиатҳои шаҳрвандони вилоятҳои Самарқанд, Ҷиззах, Сирдарё ва Навоиро шуниданд.***

Баъзеҳо чунин ақида доранд, ки дар ҷойҳо гузаронидани қабул фоидае надорад ва он танҳо барои ҳуҷҷатбозиву назари халқ аст. Аммо касе, ки дар қабулҳо иштирок карда, ҷараёни онро бевосита мушоҳида мекунад, амин мегардад, ки дар асл ин тавр нест.

–Аз Навоӣ омадем, – гуфт зани 60 сола. – Шавҳарамро ноҳақ аз кор холӣ карданд.

Ин суханони занро шунида кас беихтиёр дар ҳайрат мемонад, ки чаро дар бораи вазъият ба судҳои маҳаллӣ муроҷиат накардааст.

–Кор дар кадом сатҳ омӯхта шудааст? – ба ёваронаш рӯ оварда раиси Суди олӣ Бахтиёр Исломов.

–Ҳама дидаанд, – гуфт зан гӯё ҳаминро интизор бошад. – Аммо ман аз ҳукми баровардаи онҳо норозӣ ҳастам. Чанд маротиба ба қабулатон даромаданӣ шудам, аммо ҳеҷ мавридаш нашуд.

–Барои ҳамин ҳам имрӯз барои шунидани муроҷиатҳои шумо омадем, – гуфт Б. Исломов.

Зан андаке ором шуд. Танҳо худи ҳамин гап ба ӯ оромӣ бахшид. Раис ба ёваронаш супориш дод, ки ҳар кадом судҳоеро, ки муроҷиатро омӯхтаанд, даъват намоянд, то онҳо аз рӯи натиҷаҳои муроҷиат ба муроҷиаткунанда ва раис ахборот диҳанд.

–Ба қабули прокурор медароям.

Ҳама якбора сӯи соҳиби ин овоз нигаристем.

–Ман нагуфтам, ки шумо намедароед, – гуфт яке аз масъулон. – Фақат муроҷиататонро гӯш кунем, шояд барои ҳалли муаммои шумо назорати роҳбар лозим набошад. Бо ин мақсад пурсидам.

Ҳамин вақт навбати он мард омаду назди прокурор даромад. Дере нагузашта, бо як нафар ходими прокуратура берун баромад.

– Умедам аз шумо. Ба шумоён бовар кардам, ки мушкилам осон мегардад, – гуфт бо кайфияти болида ва рафт.

2 294 масъала баррасӣ гардид.

Дар рафти қабул ба масъулони Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии андоз низ муроҷиатҳои бисёр расиданд. Дар давоми қабули сайёр 2 ҳазору 294-то масъала баррасӣ гардид. 1 ҳазору 33-тои онҳо дар худи ҳамон ҷо ҳал шуда, ба 87 нафар муроҷиаткунанда маслиҳати ҳуқуқӣ доданд, 1 ҳазору 174 масъала ба назорат гирифта шуд.

Ба номи раиси суди олӣ Б. Исломов ва судяҳо 513-то муроҷиат расидааст. 244-тои онҳо ба корҳои ҷиноятӣ, 196 ба шаҳрвандӣ, ба маъмурӣ ва 33-тояш ба масъалаҳои иқтисодӣ дахл доранд. 3 миллиарду 469 миллион сӯм товони зарар рӯёнида шуд.

Зимни қабул 112 муроҷиат дар худи ҳамон ҷо ҳал шуда, ба 292-тои дигар маслиҳатҳои ҳуқуқӣ дода шуданд. Аз ин рӯ, аз ҷониби Суди олӣ аризаҳо оид ба 221 шикоят ба тариқи кассатсионӣ ва такрорӣ қабул гардид. 95 нафар маҳкумшудагоне, ки ҷазои корҳои ислоҳиро адо мекунанд, дар асоси тақдимномаи пешниҳодшуда пеш аз мӯҳлат аз ҷазо озод шуданд. Суд оид ба корҳои ҷиноӣ аз рӯи 13 парвандаи ҷиноӣ 13 нафарро аз толори суд аз маҳбас озод карда, нисбати 1 нафар бо сабаби оштӣ шудани тарафҳо парвандаи ҷиноиро қатъ кард.

Судҳои корҳои иқтисодӣ дар маҷлисҳои худ даъвоҳои соҳибкоронро ба маблағи 2 миллиарду 331 миллион сӯм қонеъ гардонд.

Инчунин, дар рафти қабул Сарпрокурори Ҷумҳурии Ўзбекистон Нигматилло Юлдошев ва органҳои прокуратура аз 353 нафар шаҳрванд бо мазмуни гуногун муроҷиат қабул карданд.

Аз рӯи масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ-124, хоҷагии қишлоқ 31-то, 57-то тафтишот, 34-то оид ба қарорҳои суд, 88-то оид ба иҷрои қарорҳои суд, 19-то оид ба масъалаҳои дигар муроҷиатҳо расиданд. 91-тои онҳо дар ҷои худ ҳаллу фасл ва ба 2-тои онҳо маслиҳатҳои ҳуқуқӣ дода шуд, 260 муроҷиати дигарро барои баррасӣ қабул карданд.

Дар рафти қабул 3 миллиарду 469 миллион сӯмина товони зарар рӯёнда, ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шаҳрвандон барқарор гардид.

Алалхусус, аз рӯи муроҷиати роҳбари ҶММ «Hamkor IMIDU»-и ноҳияи Шароф Рашидови вилояти Ҷиззах Э. Эшқулов оид ба руёнидани маблағи 1 миллиарду 900 миллион сӯм ҳуқуқҳои поймолшудаи соҳибкор барқарор гардида, ситонидани маблағ пурра таъмин карда шуд.

Инчунин, ситонидани қарзи алимент ба миқдори 103 миллион сӯм таъмин гардид. Ҳамон рӯз ба органҳои прокуратура ба воситаи 18 муроҷиатнома миннатдорӣ изҳор карда шуд.

Дар асоси мулоқот бо масъулони Вазорати корҳои дохилӣ 8 нафар собиқ кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба кор барқарор шуда, ба 24 нафар довталабоне, ки хоҳиши дар ин соҳа кор карданро доштанд, барои иштирок ба озмуни навбатӣ рухсат дода шуд.

Умуман, ба мутасаддиёни Вазорати корҳои дохилӣ 518 муроҷиат расид. 297-тои онҳо ба таври мусбат ҳал шуда, иҷрои 221 муроҷиате, ки мӯҳлат талаб мекунад, зери назорат гирифта шудааст.

Дар давоми қабул аз тарафи Вазорати корҳои дохилӣ ба як гурӯҳ шарҳвандоне, ки ба дафтарҳои иҷтимоӣ сабти ном шудаанд, асбобу анҷоми рӯзгор дода шуд, ки онҳоро истифода бурда, даромад ба даст меоранд. Ба нафароне, ки ба шаҳрвандии Ўзбекистон қабул шуданд, кортҳои ID супурданд.

Худи ҳамон рӯз ҳокими вилоят Э. Турдимов муроҷиатҳои шахсони ҳуқуқиву ҷисмонии ба идораҳои мазкур дахл надоштаро қабул кард. 897 муаммо ва масъалаҳои шаҳрвандонро шунида, аз рӯи дар доираи қонун ҳал кардани онҳо ба масъулон супориш дод.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

## ХАБАРҲО

### ҒАМХОРӢ БА ПИЛЛАПАРВАРОН

***Ҳукуматамон баробари дигар соҳаҳо ба пиллапарварӣ, барпои тутзорҳо ва манбаъҳои ашёи хом, кумак ба пиллапарварҳо эътибор менигаронад. Маълум, ки аз 1 марти соли равон барои онҳое, ки кирмакбонӣ мекунанд, барои ҳар як қуттии тухми кирмак 120 ҳазорсӯмӣ субсид ҷудо карда шуда буд.***

1 июн Фармони роҳбари давлат «Дар бораи чораҳои иловагии дастгирии хонакорӣ дар соҳаи пиллапарварӣ ва боз ҳам васеъ сохтани базаи озуқаворӣ дар парвариши кирмак» қабул гардид. Мувофиқи он ба Кумитаи рушди пиллапарварӣ ва саноати мӯйина ҷиҳати истифодаи доимӣ аз 105 ҳазор гектар тутзоре, ки нав барпо карда мешаванд ва аниқ муайян кардани харитаи контурии майдони онҳо асоси ҳуқуқӣ дода мешавад. Ба кластерҳои пиллапарварие, ки қитъаи заминашон аз 10 гектар кам нест, ба хоҷагиҳои фермерии самти пиллапарварӣ, ба тариқи истисно, барои барпои тутзорҳои нав дар асоси ҳуқуқи иҷора майдонҳо ҷудо карда мешавад.

Айни замон то охири соли равон дар ҳузури Институти илмӣ-тадқиқотии пиллапарварӣ баҳри омодасозии тухмии элитаи аз наслҳои маҳаллӣ гирифташуда фаъолияти истгоҳҳои тухмипарварии тухмии элита ба роҳ гузошта мешавад.

### ГАЗИ РУСИЯ ДАР – ЎЗБЕКИСТОН

***Назар ба таъкиди вазири энергетикаи Қазоқистон Алмасадам Саткалиев дар мавсими тирамоҳӣ-зимистонии соли 2024 инфрасохтори мамлакат ҷиҳати транзити гази Русия ба Ўзбекистон пурра омода мегардад.***

Назар ба суханони ӯ, байни Ўзбекистон ва «Газпром» (Русия) ҷиҳати ҳаҷм ва нархи гази табиӣ музокираҳо ҳамон давом менамоянд.

А. Саткалиев айни замон изофа кардааст, ки бо ҷамъбаст ёфтани ин музокираҳо мо омода ҳастем инфрасохтори худро тақдим намоем. Сухан дар бораи таъминоти газ дар соли оянда аст. Як-якуним соле, ки пеш истодааст, тақозо дорад омодагиҳо ҳарҷониба дида шаванд.

Вазири энергетикаи кишвари ҳамсоя ҳамчунин изҳор дошт, мо аз транзит ва маблағ гирифтан барои транзит манфиатнокем, афзунгардии таъминоти энергетикӣ ва қавишавии боварӣ ба он дар минтақа барои ҳамаамон манфиат мебахшад.

30 май вазири энергетикаи Ўзбекистон Ҷӯрабек Мирзомаҳмудов дар Санкт-Петербург бо раиси «Газпром» Алексей Миллер вохӯрд ва дар масъалаи дастрасгардонии гази Русия ба Ўзбекистон бо ӯ гуфтушунид ба амал бароварда буд.

### ТАШКИЛИ ҲУДУДҲОИ АЗ НИГОҲИ ЭКОЛОГӢ ТОЗА

***Аз ҷониби Вазорати экология, ҳифзи муҳити атроф ва тағйирёбии иқлим, ки бо қарори Президент ба фаъолият оғоз намудааст, дар ҳудудҳои ҷудогона энергияи барқ ба батареяҳои офтоб иваз гардида ва ҳаракати электробусҳо ба роҳ гузошта мешавад, «боғҳои сабз» ва «паркҳои ҷамоатии сабз» ташкил меёбанд.***

Дар шохобчаҳои тиҷоратӣ савдои пакетҳои пластикӣ манъ мегардад. То 1 июли соли равон корхонаҳои давлатӣ-унитарии «Ҳудуди тоза» ва идораҳои ободгардонӣ, полигонҳои партови сахти маишӣ ба тасарруф ин вазорат гузаронида мешавад. Аз 1 январи соли 2024 дар минтақаҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ноҳияҳои Бӯстонлиқ ва Зомин режими ҳудуди тозаи экологӣ татбиқ карда мешавад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ДУ ШОХИ ЯК ДАРАХТЕМ!

***Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ба ноҳияи тоҷикнишини Сӯхи вилояти Фарғона ташриф овард. Дар аввалин дидору мулоқоте, ки Раҳмонзода бо ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев дошт, тавсеаи робитаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ду кишвари ҳамҷавор –Тоҷикистон ва Ўзбекистон бо қаноатмандӣ зикр гардид.***

– Мо шуморо ба диёри ҳамеша сарсабзу хуррам ва шукуфо, мардумонаш меҳмоннавозу заҳматписанд самимона хайрамақдам мегӯем. Аз ташрифи шумо тамоми мардуми ноҳия хушҳолу сарфароз хоҳанд шуд, зеро барои мустаҳкам намудани дӯстиву рафоқати байни мардуми ду кишвар саҳми бузург мегузоред,– гуфт ҳокими ноҳия.

Вай афзуд, ки сӯхиён зимни роҳандозии чорабиниҳои гуногун дӯстони тоҷикистонии худро даъват мекунанд ва суруру хурсандии худро ҳамроҳ мегузоронанд.

Ҳоким ёдовар шуд, ки овозхони маъруфи тоҷик Ҷӯрабек Муродов ба ноҳия ташриф овард ва бо таронаҳои ҷаззобу дилфиреб ба дили мардуми зиёд шодиву тараб бахшид.

– Дарвоқеъ, дар 29 мактаби таълимоти умумии ноҳия таҳсил ба забони тоҷикӣ сурат мегирад. Ҳамасола барои хатмкунандагони ин мактабҳо барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ 250 квота ҷудо карда мешавад. Дар ҳамин ҳол садҳо нафар маҳз бо ҳамин квота дар донишгоҳҳову донишкадаҳои Фарғонаву Қӯқанд, Тошканду Самарқанд, Чирчиқу Тирмиз ва амсоли он ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, – изҳор намуд Сайидмӯсоев.

Сафири Тоҷикистон барои чунин истиқболи гарми мизбонон ибрози сипос намуд ва афзуд, ки аз аввалин рӯзҳои шурӯи фаъолият ба ҳайси сафир орзуи дидани Сӯхи бостониро дар сар мепарварид.

– Огоҳ ҳастам, ки мардуми ин ҷо чӣ қадар меҳрубону меҳмоннавоз ҳастанд. Дарҳақиқат, ин нуктаро аз қадами нахустини худ ба ин гӯшаи биҳиштосо ва зебову дилфиреб эҳсос намудам. Ба дастгоҳи ҳокимияти вилояти Фарғона низ ибрози минатдорӣ мекунам, ки барои амалӣ намудани ин сафар мусоидат намуд, – иброз дошт Раҳмонзода.

Ба таъкиди сафир тоҷикону ӯзбекон ду шохи як дарахт, ду шохаи як дарё ва ҳатто як себи дукафон мебошанд. Ҳарчанд онҳо ба ду забон ҳарф мезананд, як имову ишора бас аст, ки ҳамдигарро фаҳманду дарк намоянд.

– Бо иродаи сиёсии Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ўзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев муносибатҳои ду кишвари дӯсту бародар барқарор ва равуоҳо аз сар гирифта шуданд. Боиси сарфарозиҳост, ки дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои васеъмиқёс равобити ду мамлакат беш аз пеш доман фарох мекунад ва ин ҳамкориҳо ба манфиатҳои ҳарду халқу кишвар хидмат менамоянд, – таъкид варзид сафир.

Ишора гардид, ки дар натиҷаи рушди ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ даҳҳо нафар ҷавонон дар донишгоҳҳои мухталифи Тоҷикистон таҳсил мекунанд ва барои онҳо тамоми шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, ҷавонони тоҷиктабори ӯзбекистонӣ дар сурати таҳсил тибқи шартнома ҳаҷми маблағеро пардохт мекунанд, ки барои шаҳрвандони Тоҷикистон муқаррар шудааст.

Мулоқот бо як гурӯҳ сокинони деҳаи Деҳвайрон барои сафир хеле хушҳолкунанда гардид. Онҳо ташрифи вайро ба ноҳияи дурдасти тоҷиктабор фоли нек арзёбӣ карданд ва гуфтанд, ки минбаъд низ аз ташрифи ҷаноби сафир сарфароз хоҳанд шуд. Нарзиддин Шарофиддинов, ки охири солҳои ҳафтодуми садаи гузашта Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистонро хатм кардааст, иброз намуд, ки завҷааш аз шаҳри Панҷакент мебошад ва ҳарду ҳамроҳ донишкадаро хатм кардаанд. Барои ҳамин ба президентони ҳарду мамлакат сари таъзим фуруд меоварад, зеро роҳҳои баста боз гардиданду муносибатҳо дубора рӯ ба рушду нумӯъ оварданд.

Ба сафир боздид аз корхонаи дӯзандагии ҶДММ «Авилон»-и деҳ таассуроти нек бахшид. Ин корхонаи дӯзандагӣ бештар аз сад нафар занону духтарони маҳаллиро ба кор таъмин намудааст. Онҳо ба дӯхтани либосҳои гуногуни тобистона машғул мебошанд.




Раҳмонзода дар минтақаи «Ҷавпая» шоҳид шуд, ки мардум то чӣ андоза ба обод намудани дашту даман ва заминҳои асрҳо бекорхобида азм намудаанд ва барои ободу зебо намудани он талошҳои зиёд ба харҷ медиҳанд. Онҳо садҳо гектар заминро обёрӣ кардаву дар теппаву адир ва бармолиҳо ниҳолҳои гуногунро парвариш мекунанд.

Сафири тоҷик баъди боздид аз ин дашту дамани ба гулистон табдилёфта ба ваҷд омад ва пешниҳод кард, ки номи онро аз «Ҷавпая» ба «Боғистон» табдил диҳанд.

Раҳмонзода дар маросими ифтитоҳи кӯдакистоне ширкат намуд, ки ба ивази бештар аз шаш миллиард сӯм дар деҳаи Сариканда қомат афрохтааст. Вай дар зимн аз равобити ҳасанаи миёни ду кишвар бо ҳарорат ҳарф зад.

Боздиди ӯ аз мактаби рақами 29-и ин деҳа, ки як сол муқаддам ба истифода супурда шудааст ва мулоқот бо омӯзгорону донишомӯзони он хеле завқовар ба анҷом расид. Сафир ба мактаб чанд бастаи китобҳои бадеии тоҷикиро тақдим намуд ва аз фориғуттаҳсилони он даъват кард, ки метавонанд ба донишгоҳҳои Тоҷикистон рафта таҳсил кунанд.

Мактаби рақами 11 (мудираш Ҳабибҷон Ҷӯраев) аз беҳтарин муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна мебошад. Вай тавре оро дода шудааст, ки ҳар як лавҳаи овезони он аз панду андарзҳои гузаштагон иборат. Аксарияти навиштаҷот сирф ба забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Дар баробари ин, рамзҳои давлатии Ўзбекистону Тоҷикистон – ба забонҳои ӯзбекиву тоҷикӣ аст.

Акси якҷояи президентон Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон дар даромадгоҳи мактаб овезон аст ва диққати ҳар як меҳмон пеш аз ҳама ба он ҷалб мегардад.

Дар ин мактаб меҳмонро бо таронаҳои марғуби тоҷикӣ овозхони маҳаллӣ Неъматҷон Ҳомидов истиқбол гирифт. Ба дунболи он як гурӯҳ донишомӯзони мактаб хеле бомаҳорат шеъру ғазалхонӣ карданд. Ҳувайдо буд, ки шогирдони ин маскани илму дониш пеш аз ҳама забони модарии худро хеле хуб меомӯзанд, инчунин аз мероси адибони тоҷик шеъру ғазалҳои зиёдро аз ёд медонанд.

Шоми 1 июн бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон дар осоишгоҳи тобистона, воқеъ дар соҳили дарёи шӯхи Сӯх, чорабинии калони фарҳангӣ баргузор гардид. Дар он аз ҷамоатҳои маҳаллаҳои гуногун кӯдакон бо падару модар ва тарбиячиёни худ гирдиҳам омаданд. Раҳмонзода ва ҳокими ноҳия кӯдаконро бо идашон табрику шодбош гуфтанд. Баъд зери суруду мусиқии гуворо ҳама якҷоя рақсу хурсандӣ карданд.

Дар заминаи таваҷҷуҳи хоси сарвари давлатамон корҳои зиёд ба анҷом мерасанд, ки баҳри таъмини шуғли аҳолӣ бо роҳи азхудкунии заминҳои навкорам сурат гирифта, ба фаровонии зиндагии мардум нигаронида шудаанд. Яке аз чунин корҳои азим дар минтақаи «Қайроқ» бо азхудкунии қариб 1 ҳазору 500 гектар замин амалӣ мешавад. Соли гузашта дар ин минтақа як насоси обкашӣ бо ду марҳила сохта шуда, тавассути он ба баландии 211 метр об кашида шуд. Дар натиҷа зиёда аз 1 ҳазору 440 гектар замин обёрӣ гардид. Ҳоло дар масоҳати 200 гектари он буттамеваҳо шинонидаву парвариш карда мешаванд..

Сафир аз ин минтақа боздид кард ва ба ҷасорати аҳли меҳнат тасанно хонд.

Сафир ба корхонаи ҶДММ «Мирзоқурбон» ташриф овард, ки ба истеҳсоли хишти пухта ихтисос дода шудааст. Иқтидори шабонарӯзии он 60 ҳазор ададро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, дар корхонаи мазкур истеҳсоли мебелҳои хушсифат низ ба роҳ монда шудааст.

Суҳбату дидор бо собиқ корманди Вазорати маорифи Тоҷикистон ва Институти такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи Тоҷикистон Бегалӣ Болтаев хеле хушоянду хотирмон буд. Б. Болтаев баъди хатми Донишкадаи омӯзгории Ленинобод ба номи С. М. Киров барои кор ба ноҳияи Ғарм фиристода шудааст. Баъд ӯро ба вазорати маориф ба кор даъват кардаанд. Ӯ дар вазорат бештар аз умри се даҳсолаашро сипарӣ намудааст ва соҳиби мукофотҳои зиёди давлатӣ шудааст.

**Анвар ҶӮРАЕВ,**
**котиби матбуоти ҳокимияти ноҳияи Сӯх.**
**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

**Барои ба амал татбиқ намудани Барномаи Президент «Ҳар як оила – соҳибкор» дар маҳалҳо ҳокимон, ёваронашон ва масъулони кумитаҳои бонувон ва кор бо ҷавонон мунтазам чораҳо меандешанд. Қишри бекор ва камбизоати аҳолиро бо шуғл фаро мегиранд.**



Аксбардор: **Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.**

# МАРКАЗИ АДРАСБОФӢ ТАЪСИС ЁФТ

Аз ҷумла, дар дурдасттарин маҳаллаи ҳудуди вилоят – «Янгидала»-и ноҳияи Мирзочӯл ду нафар соҳибкорзанон Маркази адрасбофӣ таъсис доданд.

Дар ин кор ҳокими ноҳия ва дигар мутасаддиён онҳоро дастгирӣ намуданд ва барои рӯйи об баровардани орзуҳо кумак расониданд.

Бонувони соҳибкор аввал ба Марғелон рафта, дар он ҷо сирру асрори адрасбофиро аз бар намудаанд, ки ҳоло ба хоҳишмандон асрори касбу ҳунари адрасбофиро меомӯзонанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Мавзӯъ барои мулоҳиза*

# «КОРИ БЕМАШВАРАТ НАКӮ Н-ОЯД»

Одат аст, ки ба шаҳру гузарҳои нав ном мегузоранд. Чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз, хосатан ба гузару маҳалҳо тарзе ном медиҳанд, ки маданият, таърих, шуғлу касби мардуми он ҷоро инъикос кунад ва боз муносиб бошад. Масалан, дар Самарқанди бостонӣ то ҳол гузарҳои Сӯзангарон, Зингарон, Чармгарӣ, Дукчигӣ, Ҳалвоӣ, Шарбатдор, Қамчинон, Дарсозон, Гаҳворасозон ва ғайра ҳастанд, ки мардумашон соҳиби ин касбу корҳо будаанд. Вале таассуф, ки баъди интишор ёфтани қонун дар бораи иваз кардани номҳои ҷуғрофӣ аз ҷониби Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис аз 26-уми августи соли 2011 дар қаламрави Ӯзбекистон шахсони аз таърих, фарҳанг фарсаххо дур худсарона ва бидуни хоҳиши аҳли он ҷойҳо, яъне бе маслиҳату машварат ба гузару маҳалла ва мавзеъҳо номҳои ғайриоддӣ мегузоранд, ки кас аз ин худсариҳо ангушти ҳайрат мегазад.

Аз гузари Кӯл, ки ҳоло аз ноҳияи Самарқанд ба тасарруфи шаҳр гузаштааст, корманди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, ҷавони соҳибмаърифат Муродулло Тиллоев ба идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» муроҷиат карда, хоҳиш намуд, ки журналистон ба масъалаи ба номи аслиаш баргардондани маҳаллааш кумаки амалӣ расонанд. Гап дар сари он аст, ки номи Кӯл ба «Ташаббускор» иваз карда шуда буд. «Аз қадим зодгоҳи мо Кӯл ном дошт, – менависад муаллифи мактуб, – вале «замонасозону замонабозон»-и аз маърифату маънавият дур, ба он гӯё номи замонавӣ – «Ташаббускор» гузоштаанд, ки ноҷову бемаврид аст. Мо ҳайронем, ки ба маҳалламон ин ном чаро часпонда шуда бошад?!».

Хушбахтона, баъди дахолати рӯзнома маҳаллаи мазкур номи аслии худро гирифт. Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки дар Самарқанд маҳаллаҳои «Қизил чиннӣ, «Калбоғ», «Бодиҳо» низ будаанд, ки гӯшхарош ва хандаовар ҳастанд ва тағйир додани номи онҳо айни муддаост.

Дар шаҳри Самарқанд гузару маҳалҳои Муборак, Себзор, Навбоғчиён, Хаймар, Найзатеппа, Мӯлиён, Пистамазор, Қамчинон, Боғибаланд ва ғайра барҷоянд.

Аммо кӯча ва хиёбонҳои шаҳр, ки ба номи иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳон ва шаҳидони диёри афғон буданд, бо «хидмати хирсона»-и баъзе носипосон иваз карда шуд.

– Аксарияти шаҳидон на оила доштаанду на фарзанд, – бо надомат гуфт раиси иттиҳоди «Ветеран»-и ҷанговарони маълӯл ва дар захираи байналмилали вилоят Эркин Мавлонӣ. – Охир 189 сарбози самарқандӣ бо амри Ватан ба кишвари ҳамсоя рафта, гул-гулкафан шудаанд. Бахтиёр Ваҳобов, Олег Шариков, Хироҷиддин Ғиёсов, Адаш Турсунов, Диёр Ҳакимов ва аксари ҳамсангарони онҳо, ки ҳамагӣ 18-20 сола буданд, аз ин ҷумла мебошанд. Мо бо қарори ҳокимияти шаҳру шаҳрвандон исму насаби онҳоро абадӣ карда будем.

Аз деҳаи хушҳавои Оҳалик адиби умедбахш Раҳмонқул Облоқулов бо ҳамроҳи шаҳрии худ полковник Абдураҳим Қудратов дар Қандаҳор шаҳид шуд. Вақте ки турбати ӯро бо тамғаи «Груз-200» дар қуттии оҳанин ба зодгоҳ овардаанд, афсарону аскарҳои мусаллаҳ ба волидайну хешу ақрабояш иҷозат надодаанд, ки тобутро кушода, бо ҷигарбандашон дафъаи охирин видоъ гӯянд. Мардуми қадршиносу сипосгузори ин деҳаи кӯҳӣ барои бузургдошти фарзанди ватанпарвараш кӯчаи марказиро ба номи Раҳмонқул Облоқулов гузоштанд. Ҳокимияти ноҳия бо қарори худ ин иқдоми оҳаликиёнро тасдиқ кард. Вале баъдан ба кӯча номи Амир Темурро доданд, ҳарчанд дар шаҳри Самарқанд шоҳроҳи бузург номи соҳибқиронро дорад. Сӯиистеъмол танҳо сабаби коҳишу беқадрии номи бузургон мешавад. Оё беҳтар нест, ки кӯча мувофиқи талабу дархости мардуми маҳал боз номи Раҳмонқул Облоқуловро гирад?

Солҳои охир дар деҳаи Оҳалик бисёр кӯчаҳои нав пайдо шудаанд, ки номҳои забонзадашудаи «Бунёдкор», «Тикланиш», «Ташаббускор», «Янгиобод» ва ғайраро доранд. Дар ин макон шахсони маъруф чун Соҳибназар Назаров, адиб Шодон Ҳаниф, ҷанговари байналмилал Шамсиддин Шарафзода, доктори фанҳои биологӣ Маматқул Икромов, шифокорон Ҷаъфар Расулӣ, Хуршед Иброҳимов ва дигарон чашм ба олами ҳастӣ кушода, барои халқу Ватан хидмати шоиста кардаанд. Ба номи онҳо, ҳатто тангкӯча ҳам нест.

Барои бунёд ва ободу зебо гардидани маркази ноҳияи Самарқанд шодравон Раҳматуллоҳ Абдуллоев умрашро бахшид. Дар саҳрои беодам бо ташаббуси ӯ шаҳраки замонавӣ пайдо шуд. Тавассути рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Овози Самарқанд» мо бо пешниҳоди «Гулобод» не – «Раҳматуллоobод» баромад кардем. Таклиф дар коғаз монд. Сипас ҳокими нави ноҳия, шодравон Раҳима Ҳакимова анъанаи неки Раҳматуллоҳ Абдуллоевро идома дод. Бо ташаббуси ин зани бебоку фидокор даҳҳо мактабу кӯдакистон, иншооти табобатӣ, маишӣ, истиқоматӣ қад афрохтанд, аз болои рӯди Дарғам пули замонавӣ сохта шуд. Агар шоҳроҳи маркази ноҳия ба номи Р. Абдуллоев шавад, нуран аъло нур мешуд.

Дар Самарқанди бостонӣ садҳо нафар шахсонеро, ки бо ғояҳои илму маърифат, муҳаббату садоқат ба халқу Ватан ва ободии кишвар хидмати шоиста кардаанд, набояд фаромӯш кунем. Воқеан, китобҳои қомусии «Аслҳо ва наслҳо», «Аз аслҳо ба наслҳо» чоп шудаанд, ки дар бораи шахсиятҳои маъруфамон ҳикоя мекунанд. Дар байни онҳо арбобони давлатӣ, академикҳо, адибу шоирон ва соҳибони касбҳои гуногун ҳастанд. Чунончи, академикҳо Шавкат Воҳидов, Ҳамид Мансуров, Аловаддин Баҳоваддинов, Муҳаммадқул Нарзиқулов ва дигарон номи Самарқандро ба олам машҳур сохтаанд вале на ҳамаи самарқандиён медонанд, ки инҳо кистанд. Инчунин месазад ба номи устодони сухан Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҳасан Ирфон, Раҳим Ҳошим, Болта Ортиқов, Расул Ҳодизода, Наримон Бақозода, Ҳамроқул Шодиқулов кӯчаву хиёбонҳо гузошта шаванд.

Воқеан, бо талоши аҳли фарҳанг дар маҳаллаи Боғи майдон кӯчаи марказӣ ба номи адиби номдор Абдусалом Деҳотӣ ва дар гузари Сӯзангарон кӯчае ба номи шоири ватанпарвар Ҳабиб Юсуфӣ номгузорӣ шуда буданд. Комиссияи махсуси номҳои ҷуғрофӣ ин номҳоро дигар кард, вале баъди дахолати рӯзномаи «Овози Самарқанд» кӯчаҳо боз ба номи аслиашон баргардонда шуданд.

Мо бо адиб ва пажӯҳишгари таърих, нависанда Адаш Истад дар масъалаи номгузорӣ суҳбат ороста, фикру андешаҳои ӯро пурсидем.

– Ин масъала барои аксар муаммо гардид. Дар қарори оид ба номгузорӣ ва нав кардани он қайд шудааст, ки баъди пешниҳоди аҳолии таҳҷоӣ ва муҳокимаи оммавӣ ин ё он ном муносиб аст ё не ҳаллу фасл мешавад. Вале афсӯс, ки ба ин масъала муносибат ҷиддӣ нест. Масалан, гузари Девори Кӯндаланг таърихи садсолаҳо дорад, ки онро олими машҳур Вяткин дар асарҳои худ қайд кардааст. Аммо номи гузар чандин бор тағйир ёфт. Ё ки дар атрофи маҷмӯаи Регистон гузарҳои таърихии Ҳавзи Сангин, Пули Мирзо, Боғибаланд буданд, «доно» ва «дурандеш»-ҳо чор гузарро як карда, онро «Регистон» номидаанд, ки аз ин мардуми маҳаллаҳо дар ҳайратанд.

Дар китоби «Номҳои географии Самарқанд»-и Вяткин соли 1900 Шаҳидонхона ном бурда шудааст, онро аввал Карасинка, сонӣ Усмон Юсупов ва пас Бунёдкор номиданд. Оре, номмониро ҳаргиз набояд кори саҳл шумурд, бидуни масъулият ва ба сар ҳар чӣ ояд, гузоштан хуб нест. Номи кӯчаю гузарҳо бояд тарзе гузошта шаванд, ки солҳои сол тағйир наёфтаанд. Замоне бо ин кори муҳим академикҳо Воҳид Абдулло, Ботурхон Валихоҷаев, адабиётшиносон Шавкат Шукуров, Абдурауф Маъруфӣ, Талъат Абдуҷабборов ва дигарон машғул буданд. Ҳоло сад дареғ, ки бо чунин кори муҳим ашхоси тасодуфӣ ва бехабар аз фарҳангу маданият, таъриху адабиёт, дарди миллату забон фарсаххо дур машғуланд. Охир ҳусну маънии номҳои муносиб, дилнишин ва аз ҳама муҳимаш, таърихиро тағйир додан кори нек нест. Ба ин кор донишмандонро ҷалб кардан лозим, то ки насли ояндa аз хатои мо таассуф нахурад. Бузургон фармуданд:

*Дар ҳама кор*
*машварат бояд,*
*Кори бемашварат*
*накӯ н-ояд.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Раҳовард*

# 1. ЗИНДАГИИ НОҲАМВОРИ ТОҶИКОНИ ДЕҲҚОНОБОД

Ноҳияи Деҳқонобод яке аз 19 шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё маҳсуб меёбад, ки аз маркази маъмурии он – шаҳри Қаршӣ (Насафи таърихӣ) дар масофаи 100 километр мавқеъ дорад.

Ин ноҳия бо вилояти Сурхондарё ҳамсарҳад аст ва соли 1934 аз таркиби ноҳияи Бойсун берун омада, ба вилояти Қашқадарё шомил шудааст. Номи пешинаи он Тангиҳарам ва пасон Карл Маркс будааст. Баъдан номи Деҳқонободро гирифта аст. Назар ба маълумоти оморӣ, ҳудудаш 4 ҳазор километри квадратӣ мебошад ва дар қиёс қариб бо вилояти Андиҷон баробар аст. Аксари заминҳояш лалмӣ, аз даштҳои васеъ ва кӯҳсорони баланд иборат. Аммо назар ба фикри мутахассисон, дар маҷмуъ як мавзеи аз нигоҳи иқтисодӣ рушднокардаи вилояти Қашқадарё ба шумор рафта, мудом дар парвариши ҳукумати марказӣ қарор дорад. Ноҳия бо ҷамъияти 150 ҳазорнафарааш бештар ба чорвопарварӣ, боғдорӣ ва деҳқонӣ ихтисос дорад. Хоҷагиҳои қаламрав аксар дар заминҳои лалмӣ кишти ғалладона ба анҷом мерасонанд, ки ҳосили дилхоҳашон ба мусоидии вазъи ҳавои кишвар вобаста аст. Аз ҳоли заминҳои сӯхтаи атроф, ки дар оғози фасли тобистон қариб бегиёҳ ба чашм мехӯранд, метавон хулоса баровард, ки камбуди об шадидан эҳсос мешавад. Назар ба ақидаи мутахассисон, тавфиқи чорводорону даромади назарраси онҳо низ маҳз ба ғизои фаровон дар даштҳо, ки аз мусоидии ҳавои кишвар маншаъ мегирад, вобаста аст. Тағйир ёфтани иқлим ва пайдарпай камбориш омадани солҳо коми деҳқонон ва чорвопарварони қаламравро талх намуда, ба ҷуз сабр дар пеши ин имтиҳони табиат имконе дигар боқӣ намегузорад. Аммо рӯ ба раҳми Худо овардаву даст болои даст нишастан ҳам аз ақли солим нест. Ин аст, ки бо баробари ба сари қудрат омадани Шавкат Мирзиёев таваҷҷуҳ ба мушкилоти рӯзафзуни ноҳияи дурафтодаву гӯё аз ёдҳо фаромӯшшуда афзуда, мушкилоти зисти мардум, аз ҷумла таъмини онҳо бо оби ошомиданӣ, таъмири роҳу пул, беҳбуд бахшидани инфрасохтори маҳаллаҳо яке пайи дигаре оҳиста-оҳиста ҳал мегарданд. Кунун тарҳҳои гуногуне рӯи даст қарор доранд, ки интизор меравад бо баробари дар амал татбиқ гардидани онҳо симои ноҳия куллан тағйир хоҳад кард. Имрӯзҳо кӯчаю зеркӯчаҳои маҳаллаҳои воқеъ дар маркази ноҳияи Деҳқонобод корзори ҳақиқиро дар ёдҳо зинда мекунанд. Техникаи махсуси хандаққанӣ ва мутахассисони гуногуни соҳаи беҳдоштро метавон дид, ки дар қади роҳҳо лӯлаҳои пластикӣ хобонда, ба сӯйи манзилҳои зисти мардум оби ошомиданӣ мебаранд. Раиси маркази миллӣ-мадании тоҷикони ноҳия, адиб ва муаррихи маҳаллӣ Карим Тошқулов, ки моро ҳамроҳӣ доштанд, бо мамнуният таъкид кард, солҳои охир ҳаёти мардум дар ноҳия қадам ба қадам ба сӯйи шукуфоиҳо меравад ва бешак дар зудтарин фурсат мушкилоти мавҷуда сода хоҳанд гашт. Вай ободии зиндагии мардумро бештар ба оби ошомиданиву махсуси киштукор пайванд дониста, гуфт, ки аҳолии қаламрав дар меҳнат ҳамто надоранд ва бо баробари дастрасӣ ба ин манбаи ҳаёт – об рӯзгори худро рушд хоҳанд бахшид. Ба таъкиди Карим Тошқулов, ҳокими ноҳия Зоҳир Алиқулов пайваста дар ҳаракат аст, ки Деҳқонобод назар ба собиқа бештар рушд кунад ва мушкилоти тӯли солҳо ҷамъгардида ҳал шаванд. Ман ҳам шоҳиди он будам, ки дар бинои ҳокимияти ноҳия як гурӯҳи мардуми корафтода ҷамъ омадаву арзи худро ба гӯши ҳоким ва раҳбарони секторҳои дигар мерасонданд. Сухангӯи дафтари матбуоти ҳокимияти ноҳия Тӯхтамурод Амиров гуфт, ки ҳар рӯзи душанбеи ҳафта замони додхоҳии мардуми қаламрав аст ва раҳбарони секторҳо то поёни рӯзи корӣ ба шунидани арзи мардум ва ҳалли мушкилоти рӯзгори онҳо шуғл меварзанд.

Аммо маълумоти обуна ба рӯзномаи «Овози тоҷик» дар соли 2023, ки аз идораи почтаи ноҳия дастрас кардем, моро шигифтзада кард ва раиси марказ Карим Тошқулов ба ҷойи ҳамзабонони бешумори мо дар ин қаламрав хиҷолат мешуд, ки вазъ чунин ташвишовар ва ба таври бесобиқа таассуфангез аст. Дар ноҳияе, ки ҳудуди 40 дарсади аҳолиашро тоҷикон ташкил медиҳанд, се нафар хонанда доштани як рӯзномаи машҳури ҷумҳурӣ, ки қариб сад сол ин ҷониб дар хидмати миллати фарҳангсолор ва адабпарвари тоҷик қарор дорад, боиси нигаронӣ ва хиҷолат дар назди рӯҳи гузаштагони бовиқорамон мебошад. Мудири шӯъбаи маорифи халқи ноҳия Холиёр Менглиев мавҷудияти 29 мактаби таълимашон ба забони тоҷикиро баршумурд ва ваъда (!) дод, ки дар нимсолаи дуюм вазъро ба таври чашмрас тағйир хоҳад дод. Маълум гардид, ки Х. Менглиев як моҳ қабл аз ин ба курсии раҳбарии шуъба нишаста ва ҳанӯз аз вазъ дар ин соҳа комилан воқиф нест. Назар ба маълумотҳо, мудири пешини идора Неъмат Бозоров ба иттиҳоми дуздии маблағи соҳаи маориф дар назди қонун ҷавоб мегӯяд.

Роҳи мо ба самти деҳаҳои тоҷикнишин идома ёфт ва пас аз тай кардани 50 километр роҳи ноҳамвор, ки ҳар замон ронандаро асабӣ мекард ва мусофиронро ранҷ медод, ба Боғучорбоғи саросар сабзу хуррам расидем. Маълум шуд, ки ин роҳи нимавайрон 20-30 сол ба ин сӯ беназорат монда ва кунун ба эътирози барҳаққи одамон боис мегардад. Дархости ягонаи бошандагони деҳоти ин атроф аз ҳукумат танҳо обод ва аз ҳар гуна хатар орӣ сохтани ин масир асту халос. Дар ҳар сӯҳбат ин талаб аз забони одамон берун меомад.

Боғучорбоғ (дар гӯиши мардуми маҳаллӣ Бошчорбоғ) – макони буду боши тоҷикони сарбаланд мебошад, ки ҳоло ҷамъияти онҳоро ҳудуди 20 ҳазор нафар арзёбӣ мекунанд. Бо мушояати устод Шуҳрат Сориев – директори дабистони рақами 10, бо фаъолияти ҳашт мактаби миёнаи ин обрав шинос гардида, бо ҷамоаи омӯзгорони онҳо дидору мулоқот намудем. Вохӯриҳои мо дар мактабҳои рақами 10, 98, 95, 45, 46, 47, 90, 99 хеле хотирмон буд ва раҳбарони ин макотиб Шуҳрат Сориев, Камолиддин Бойқулов, Шокир Эшқурбонов, Маҳмуд Бобоев, Ғайрат Эшонқулов, Шаъбон Олимшоев, Яҳёхон Зайров ва Аҳмад Бозоров ваъда доданд, ки робитаҳоро бо рӯзномаи «Овози тоҷик» бознигарӣ мекунанд ва саҳвҳои рафтаро зуд ислоҳ месозанд.

**(Давомаш дар саҳ.4).** ⇨




*Имрӯзҳо дар мамлакатамон ба масъалаи баланд бардоштани нуфузи муаллимон, муносиб ҳақ пардохтан ба меҳнати онҳо эътибори алоҳида дода мешавад. Дар натиҷаи татбиқи ислоҳот, ки бо ҳамин мақсад пеш бурда мешаванд, 21 нафар омӯзгорон, ки дар муассисаҳои таълими умумии ноҳияи Вобканд фаъолият мебаранд, беш аз 11 млн. сумӣ маош мегиранд.*
*Айни замон дар дабистонҳои таълими умумии ноҳияи Вобканд дар ин самт корҳои самаранок пеш бурда мешаванд. Бо мақсади кумак ба толибилмон дар асоси таваҷҷуҳашон ба ягон касбу ҳунар, амалӣ гардондани истеъдоди онҳо маҳфилҳои фаннӣ ва дарсҳои иловагӣ ташкил карда мешаванд. Дар натиҷаи ҳамин 15 нафар хатмкунандагон пеш аз муддат ба муассисаҳои таълими олӣ қабул карда шуданд.*
***Дар сурат:** ҷараёни дарс дар яке аз синфҳо.*

***Сурати ЎзА.***

# МЕРОСИ БУДДОИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ТАИЛАНД НАМОИШ ДОДА ШУД

***Дар Китобхонаи миллии Таиланд машварати байналхалқии илмӣ дар мавзӯи «Мероси ғановатманди буддоӣ дар Ӯзбекистон» ба амал омад.***

Дар чорабиние, ки ба муносибати 26-умин солгарди ҷашни муҳими динӣ дар Таиланд – «Рӯзи Висах Буч» баргузор шуд, намояндагони маънавӣ, сиёсӣ, доираҳои академӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин ҳайати дипломатии дар мамлакат номнависшуда ширкат ҷустанд.

«Рӯзи Висах Буч» дар тамоми ҷаҳон ҳамчун санаи таваллуд, рӯзгор ва фавти Буддо қайд карда мешавад. Соли 1999 он аз ҷониби СММ рӯзи байналхалқӣ эълон гардид.

Дар тадбир ҳайати Ӯзбекистон дар таркиби намояндагони ҳокимияти вилояти Сурхондарё, оҷонсии оид ба мероси фарҳангӣ, Вазорати фарҳанг ва сайёҳӣ, Донишкадаи давлатии шарқшиносии Тошканд, Донишгоҳи давлатии Тирмиз, ҳамчунин дипломатҳои ӯзбекистонӣ дар Бангкок иштирок карданд.

Дар суханрониҳо зикр шуд, ки Ӯзбекистони воқеъ дар маркази Шоҳроҳи абрешим чорроҳаи тамаддун, мавзеи муҳими рушди дини зардуштӣ, буддоӣ, иудӣ, христианӣ ва ислом ба шумор меравад. Қайд гардид, ки инак беш аз 2700 сол боз дар замини Ӯзбекистон мардуми дорои дин ва оинҳои мухталиф бо сулҳу салоҳ зисту зиндагӣ мекунанд.

Таъкид шуд, ки алҳол дар Ӯзбекистони Нав барои бунёди ҷамъият ва давлати озоду пешқадам ва баланд бардоштани иқтидори мамлакат дар тамоми соҳаҳо ба мероси маънавӣ ва фарҳангии ниёгони худ такя мекунанд.

Муовини ҳокими вилояти Сурхондарё Ҷӯрабек Тӯраев ба иштирокдорон дар бораи бренди нави сайёҳии вилояти Сурхондарё, иқтидорҳои мавҷудаи самтҳои зиёрат, тиб, таом, сайёҳии варзишӣ ва экологӣ, ҳамчунин барои зоирон бунёд кардани иншоотҳо маълумоти муфассал дод. Ҳамчунин дар бораи чорабиниҳои байналхалқие, ки бояд соли 2023-юм дар минтақа гузаронида шаванд, иттилоъ дода шуд.

Президенти Иттиҳодияи умумиҷаҳонии буддоӣ Порнчай Палавадхаммо зикр намуд, ки чандин бор ба Ӯзбекистон сафар намуда, дар асоси дидаву шунидаҳояш бобати мавҷуд будани тамоми шароит барои сайёҳони хориҷӣ, меҳмоннавозии ӯзбекистониён, мавҷудияти ёдгориҳои таърихӣ ва иқтидори сайёҳии мамлакат маълумот пешниҳод кардааст.

Дар ҷараёни машварати байналхалқӣ наворҳои видеоии бахшида ба имкониятҳои сайёҳии Ӯзбекистон намоиш дода шуданд, ҳамчунин иштирокдорон ба пурсишҳои худ посух гирифтанд.

Иштирокдорони чорабинӣ пешниҳод намуданд, ки имкониятҳои созмон додани Маркази фарҳангиву илмӣ ё худ пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотӣ якҷо бо Таиланд омӯхта шавад, ки бо омӯзиши таърихи ёдгориҳои буддоии воқеъ дар Ӯзбекистон, кофтукофҳои ҳафриётӣ, эҳёи бозёфтҳо ва тадқиқоти илмӣ машғул мешавад.

Бинобар натиҷаи чорабинӣ барои идома додани ҳамкориҳо вобаста ба омӯзиши минбаъдаи ёдгориҳои буддоии вилояти Сурхондарё, ҳифз, таъмир ва намоиш додани онҳо, ҳамчунин ҷалби технология ва мутахассисон барои фароҳам овардани шароитҳои мувофиқ ба зоирон муоҳидаҳо ба имзо расиданд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри БАНГКОК.*

# 1. ЗИНДАГИИ НОҲАМВОРИ ТОҶИКОНИ ДЕҲҚОНОБОД

(Аввалаш дар саҳ.3).

То имрӯз ба «Овози тоҷик» мактаби рақами 10 ду нусха ва дабистони рақами 45 як нусха (дар тамоми ноҳия ҳамагӣ 3 нусха) обуна ҳастанд. Ҳаммиллатони мо гуфтанд, ки замоне «Овози тоҷик» дар ин ҷойҳо хонандагони зиёде дошт ва намунаи эҷоди қаламкашони Боғучорбоғ дар саҳифаҳои рӯзнома дарҷ ҳам меёфтанд. Мутаассифона, солҳои охир ин пайвандӣ халал оварда, обуна низ аз гӯшаи хаёлҳо зудуда гаштааст.

Аз суҳбати аҳли зиё дарёфтам, ки тоҷикони сарбаланд ва баору номуси ин обрав дар як замони хеле ҳассос ва тақдирсоз (тақрибан даҳ сол қабл аз ин) аз мактаби тоҷикии худ дифоъ карда, ба кӯрдилони замона собит намуда буданд, ки ҳанӯз меҳри забони модарӣ ва худшиносӣ дар қалби мардум фурӯзон аст. Новобаста ба фишори сахт аҳолии деҳаҳои Айнӣ, Чашмаи Мирон, Ёна, Чилгаз, Қишлоқи Калон, Оққишлоқ, Дуоб, Сарчашма ва Нурқайи Хурд, ки ҳама дар таркиби Боғучорбоғ шомиланд ва бо ҳамин ном маъруфият доранд, алайҳи тағйир додани забони таълим дар мактабҳо садо баланд карда, ба дастандаркорони ин амали фитназо нишон доданд, ки тоҷик дар ҳама ҳолат аз забони модарии худ дифоъ мекунад ва онро пос медорад. Дар замоне, ки мардум аз набудани роҳи тахту ҳамвор, гази табиию нерӯи барқ муттасил ранҷ мекашиданд, иҷборан тағйир додани забони таълими таҳсил дар макотиб онҳоро хеле нигарон кард. Омӯзгорони худогоҳи дабистонҳо даъвати моро дар робита ба дастгирии рӯзномаи «Овози тоҷик» ҷонибдорӣ намуданд ва гуфтанд, ки ҳаргиз ба тақдири рӯзномаи худ бефарқ нахоҳанд монд ва чун мактабҳои тоҷикии худ ба дифои рӯзнома низ қад алам хоҳанд сохт.

Маълум гардид, ки Боғучорбоғ аслан ватани аксар тоҷикони Деҳқонобод аст ва мардуми дигар маҳаллоти тоҷикнишини он дар собиқа аз ин манзилу макон ба таҳдашт кӯчонида шудаанд. Аммо онҳо робитаи худро бо ватани аҷдодӣ ҳамеша барқарор нигоҳ дошта, ба рушди он пайваста кумак мекунанд. Аз ин сабаб Боғучорбоғ ба чашмаи хурӯшоне монанд карда мешавад, ки кулли тоҷикони Деҳқонободро нерӯ мебахшад ва чун сипар аз ҳар гуна хатарҳо ҳимоя месозад. Боғучорбоғро як дарёчаи кӯҳӣ ба ду ҳисса тақсим мекунад ва мардум дар ду бари ҳамин наҳри хушоб зиндагии худро идома медиҳанд. Саргаҳи онро Дуоб меноманд, ки ду тоқа оби шӯру ширин ба ҳам пайваста, як рӯдхонаи азимро ташкил медиҳанд ва аҳолии поёнобро шодоб мегардонанд. Асбаски аҳолии ин обрав сол аз сол меафзояд, мардум заминҳои лалмӣ ва талу теппаҳои атрофро низ азхуд карда, ба манзили зист мубаддал месозанд. Дар ин ҳудуд ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо, ба монанди «Бошчорбоғ», «Чилгаз», «Сарчашма» вуҷуд дошта, такягоҳи боварибахши ҳукумат ба шумор меравindependent and дар иҷрои қарору фармонҳои ҳокимият саҳм мегузоранд. Боғдориву чорводорӣ аз шуғлҳои дӯстодоштаи тоҷикони ин маҳал мебошад ва мардуми ҳунарманд аз пайи касби гуногун чун оҳангарию дуредгарӣ низ ризқи худро пайдо мекунанд. Аксари ҷавонон барои чидани ризқи парешон ба Русия низ сафар мекунанд ва ҷои таассуф аст, ки ин неруи сабз мамлакати дигарро обод месозад ва дар дохили Ватани худамон кам истифода мешавад. Барои беҳдошти сиҳатии мардум бунгоҳи тиббии оилавии рақами 3 амал мекунад, ки дорои тамоми шароити табобат аст ва мутахассисони варзидаи он дар ҳалли мушкили пешомада ба аҳолии қаламрав кумак мерасонанд. Ҳоло сохтмони як боғчаи замонавӣ идома дорад ва дар зудтарин фурсат мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳад гирифт. Ҳамзабонон дар Боғучорбоғ ният доранд, ки забони таълиму тарбиятро дар боғчаи мазкур ба тоҷикӣ роҳандозӣ кунанд ва ҳоло корҳои тадорукотӣ идома доранд.

Мулоқоти мо бо раҳбарони дабистонҳои рақами 56 Мирҳусан Кичибоев ва директори мактаби миёнаи рақами 9 Фарҳод Тангриев (шомили ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ғӯротӣ») низ босамар буд ва онҳо, ки аслан дастпарварони факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд будаанд, моро мутмаин карданд, ки аз ин баъд бо рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳамкорӣ хоҳанд намуд. Дар ҳамин минтақа (Бешкӯтан) мактабҳои рақами 94 (раҳбараш Иноят Рӯзиқулов), 81 (Шамсиддин Қорҷовов) ва дар маркази ноҳия дабистони рақами 87 (директораш Маҳмаднабӣ Ҳамдамов) низ ҷой доранд, ки таълимашон ба забони тоҷикӣ аст. Боз дар Деҳқонобод чандин дабистони тоҷикӣ амал мекунанд, ки минбаъд бо фаъолияти онҳо шинос хоҳем шуд ва бо ҷамоаи бедордили омӯзгоронашон робита пайдо хоҳем сохт.

Аз суҳбати аҳли зиё маълумамон гашт, ки китобхонаҳои кулли дабистонҳои ноҳия китобҳои бадеии тоҷикӣ надоранд. Теъдоди ками адабиёти бадеӣ ба забони модарӣ боиси он гаштааст, ки завқи китобхонии хонандагони ташнаи илм паст гардад ва дар ин самт аз ҳамсолони худ дар макотиби таълимашон дигар қафо монанд. Таъмин намудани китобхонаҳои мактабҳои миёна бо китобҳои бадеии тоҷикӣ яке аз мушкилоти аввалиндараҷа аст, ки пайваста аз мавҷудияташ бонги хатар мезанем, аммо идораҳои мутасаддӣ дар ҳалли он аз паси панҷа менигаранд. Адабиёти бадеӣ барои рушди ҷаҳонбинӣ ва тарбияти волои ҷавонон яке аз воситаҳои таъсирбахш аст, ки мутаассифона берун аз эътибор мемонад. Набояд фаромӯш сохт, ки ба китобҳои бадеӣ ва хондани рӯзномаву маҷаллаҳо вобаста кардани ҳаёти хонандагони мактабҳои миёна ба сифати таълими онҳо хоҳад афзуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

# МАНЗИЛИ ОХИРАТАШ ОБОД БОД

Яке аз нависандагони боистеъдоди тоҷик, зодаи деҳаи Пасурхии ноҳияи Бойсуни кишвари мо, Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Саттор Турсун бар асари беморӣ дар 77-солагӣ аз олам даргузашт. Ба қавли нависанда Адаш Истад даргузашти Саттор Турсун барои адабиёти муосири тоҷик талафоти бузург аст. Воқеан, ӯ бо сабки нигориши худ ва масъалагузорӣ дар нигоштаҳои пуробурангаш дар насри муосири тоҷик то ҷое таҳаввулоте ба вуҷуд овард.



Саттор Турсун дар Ӯзбекистон мухлисони зиёд дорад, зиндагинома ва осори ӯ аз барномаи мактабҳои таълими ҳамагонӣ ҷой гирифтаанд, бисёр насрнависони ҷавон аз ӯ гирумон омӯхтаанд ва ин омӯзиш идома пайдо хоҳад кард.

Саттор Турсун 15 феврали соли 1946 дар деҳаи номбурда дида ба олами рӯшан кушод. Соли 1970 бахши арабии факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кард. Корро дар идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» оғоз карда, муддати бист сол дар вазифаи мудири шуъбаи очерк ва публитсистика кор кард, мудири шуъбаи наср, ҷонишини сармуҳаррир, иҷрокунандаи вазифаи сардабир буд. Солҳои 1990 — 1991 мудирии шуъбаи идеологияи Кумитаи марказии ҳизби коммунисти Тоҷикистонро бар ӯҳда дошт, соли 1993 нахустин сухангӯйи роҳбари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон буд. Солҳои 1994 — 1997 ба ҳайси сардабири маҷаллаи «Помир» адои вазифа кард.

Нахустин маҷмӯаи насриаш бо номи «Дили гарм» рӯйи чопро дида буд. Саттор Турсун дар байни хонандагон бо повесту қисса ва романҳои «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Пайванд», «Ситораи корвонкуш», «Обдорӣ ё кавкабони кабуд», «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх», «Барф ҳам мегузарад», «Падар», «Се рӯзи як баҳор», «Думбура», «Пайғамбарзот», «Дувоздаҳ ҳикоя», «Дарахти ҳазорсола»... маҳбубият пайдо кардааст.

Асарҳои ӯ ба беш аз 20 забони дунё, аз ҷумла забони ӯзбекӣ, тарҷума шудаанд. Саттор Турсун тарҷумони чирадаст низ буд. Чанд асари адибони саршиноси дунёро ба мулки маънавии хонандаи тоҷик табдил додааст.

Саттор Турсун ҷисман аз байни мо рафт, вале зиндагии маънавии ӯ тавассути осори мондагораш идома пайдо хоҳад кард. Манзили охираташ обод бод!

**БАХШИ АДАБИЁТ ВА ҲУНАРИ «ОВОЗИ ТОҶИК».**



*Дар боғи Амирқул Пӯлкан шоир воқеъ дар маҳаллаи «Олтинсой»-и ноҳияи Хатирчии вилояти Навоӣ бо иштироки ҷамоаи эҷодии Мактаби бахшигарии шаҳри Тирмиз ҷашнвораи мусиқии «Бахшиёни саҳро» баргузор гардид. Дар ҷашнвора намунаҳо аз достонҳои халқӣ, бадеҳагӯйӣ ва гӯйишҳои мардумӣ иҷро карда шуданд. Хусусан баромадҳои бахшиёни ҷавон ба иштирокдорон таассуроти калон бахшид. Дар поёни чорабинӣ иштирокдорон ба туҳфаҳои арзишноки ҳокимияти ноҳияи Хатирчӣ ва як қатор ташкилотҳо тақдиронида шуданд.*

***Дар сурат:** намое аз ҷашнвора.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ӮзА).***

**Китобиёт**

***Дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон тақдимоти китоби нависандаи рус, барандаи ҷоизаи Нобел Иван Бунин бо номи «Хиёбони хилват» баргузор шуд.***

# ТАРАННУМИ МАРДОНАГӢ

Асарро ба ӯзбекӣ Рисолат Ҳайдарова бо маҳорат баргардондааст ва соли 2022 аз ҷониби иттиҳод ба сифати тарҷумаи беҳтарин эътироф гардидааст. Он дар нашриёти «Зукко китобхон» рӯйи чопро дидааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки нависанда маҷмӯи ҳикояҳои «Хиёбони хилват»-ро дар солҳои 1937-1944, вақте дур аз Ватан ҳаёт ба сар бурдааст, ба қалам додааст. Аксарияти ҳикояҳо дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон, дар шаҳри Грасеи ҷануби Фаронса навишта шудаанд. Дертар (соли 1953) нависанда ба ин маҷмӯъ боз ду ҳикояро илова намуд ва он 37 ҳикояро дарбар гирифт. Номи асар аз як байти шеъри нависандаи рус Николай Огарёв бо номи «Воқеаи одӣ» гирифта шудааст. Ҳикояи аввали маҷмӯа чанд сол пеш аз ҷониби Тоҳир Қаҳҳор ба ӯзбекӣ баргардонда шуда буд.

Р. Ҳайдарова инчунин, романи барандаи мукофоти Нобел Иво Андрич — «Пули Дрина», қиссаи «Як рӯзи Иван Денисович»-и Александр Солженитсин, ҳикояҳои нависандагони белорус, хорват, романи таърихии адибаи ӯзбекистонӣ Галина Долгаянро таҳти унвони «Суруди обҳои равон» ба ӯзбекӣ баргардондааст.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ҚУВВАОЗМОИҲО ИДОМА ДОРАД




***Дар тамоми ҷумҳурӣ ҳоло бозиҳои финалии миқёси ноҳиявӣ барои ҷоми раиси Хидмати амнияти давлатӣ (ХАД) доир ба футбол ва минифутбол идома дорад.***

Аз ҷумла, дар ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё бозии финалии футбол байни дастаи «Синтоб» ва дастаи «Паймард» анҷом ёфта, бо ҳисоби 4:3 «Синтоб» ғалаба кард.

Инчунин дар бозии финалии мини-футбол дастаҳои «Паймард» ва «Шодлик» вохӯрда, дар натиҷа бо ҳисоби 1:0 ғалабаро дастаи «Паймард» ба даст овард. Ҳамин тариқ, дастаҳои «Синтоб» ва «Паймард» ба марҳилаи вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Таъкид намудан зарур аст, ки дар ҳар ду намуди бозӣ барои ҷоми раиси ХАД дар миқёси ноҳия 45 ҷамоа барои ба даст овардани ғолибият талош варзиданд.

Беш аз 3 ҳазор ҷавонони аз 16 то 30-сола барои ҳифзи муносиби маҳаллаи худ дар доираи имкон ҳаракат намуданд.

Мусобиқа ба муттаҳид намудани ҷавонони бекор, имконияти ҷисмониаш маҳдуд, тарғиби тарзи ҳаёти солим, бо варзиш шуғл варзидани ҷавонон ва кашфи соҳибистеъдодҳо хидмат мекунад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*
***Суратгир:** муаллиф.*

* * *

Дар шаҳру навоҳии вилояти Ҷиззах низ дастаҳои футбол ва мини-футболи маҳаллаҳо барои ҷоми раиси ХАД талош меварзанд. Дастаҳо марҳилаи аввалро паси сар карда, барои роҳ ёфтан ба марҳилаи вилоятӣ саъй доранд. Чунончӣ, ба наздикӣ дар варзишгоҳи марказии ноҳияи Ғаллаарал бо иштироки дастаҳои футбол ва минифутбол аз 35 маҳалла мусобиқаҳо барпо гардиданд.

Баъди талошҳои тезу тунд аз рӯи футбол дастаи «Олимон» ҷои аввалро ба даст оварданд. Натиҷаҳои қувваозмоии минифутбол нишон дод, ки дастаи «Лалмикор» бартарӣ дорад. Ин дастаҳо ба зинаи вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ӮЗБЕКИСТОН РАИСИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СҶС ИНТИХОБ ГАРДИД

***Дар шаҳри София (Булғория) ҷаласаи 68-уми Комиссияи аврупоии СҶС (UNWTO) баргузор гардид. Дар он ҳайат аз Ӯзбекистон ширкат намуд. Тибқи натиҷагириҳо Ӯзбекистон дар 3 номинатсия баранда эълон карда шуд.***

Ба Ӯзбекистон иҷоза додааст, ки раёсати иҷлосияи 25-умин солгарди Ассамблеяи генералии UNWTO-ро бар дӯш гирад. Зимни супоридани мандати расмӣ раҳбарон ва аъзои UNWTO аз омодагии Ӯзбекистон ҷиҳати баргузории 25-умин солгарди Ассамблеяи генералии СҶС ибрози қаноатмандӣ карданд, ҳамзамон ислоҳоти ҷараёндоштаи рушди сайёҳӣ дар кишвари моро хеле хуб арзёбӣ намуданд.

Ғайр аз ин, Ӯзбекистон барои солҳои 2023-2027 ба сифати узви Кумитаи ваколатномаҳои Шӯрои Иҷроияи UNWTO пазируфта шуд. Ин бад-он маъност, ки Ӯзбекистон салоҳияти назорат кардани дурустӣ ва риояи принсипҳои муҳими қарорҳо ва ҳуҷҷатҳоеро дорад, ки он аз ҷониби Шӯрои Иҷроияи СММ қабул карда мешавад.

Илова бар ин, Ӯзбекистон барои солҳои 2023-2027 ба ҳайси узви Кумитаи аъзои вобастаи UNWTO интихоб гардид.

Ёдовар мешавем, ки ҷаласаи 25-умин солгарди Ассамблеяи генералии UNWTO 16-20 октябри соли 2023 дар шаҳри Самарқанд баргузор мешавад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Шифокорони ёрии таъҷилии вилояти Сурхондарё кунун аз электроскутерҳо (воситаи нақлиёт) истифода мебаранд.***

# БАҲРИ БЕҲДОШТИ ХИДМАТИ ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ

Маълум, ки баҳри беҳдошти саломатии мардум хидмати ёрии таъҷилӣ беқиёс аст. Маҳз ба ин намуди соҳаи тандурустӣ ғамхории ҳукумат беш аз пеш зоҳир мешавад. Мутахассисони баландихтисос ҷалб карда шуда, шароити мусоид ҳам фароҳам мегардад. Аз рӯи маълумоти соҳаи тандурустии вилоят дар як рӯз ба ҳисоби миёна ба ёрии таъҷилӣ зиёда аз 3000 нафар муроҷиат мекардааст. Аксарияти муроҷиатҳо аз соати 17.00 то 01.00 сурат мегирад. Масоҳати вилоят низ нисбатан калон буда, баъзе деҳаҳо аз маркази ноҳия дар масофаи хеле дур ҷойгир шудаанд. Бо мақсади саривақт ва босифат хидмати тиббии аввалинро расонидан аз электроскутерҳо истифода бурдани шифокорон дар вилоят кунун ба роҳ монда шуд. Дуруст, ин воситаи нақлиёт ҳарчанд ҷойи мошини тезёрдамро гирифта натавонад ҳам, дар ҳолати тирбанд будани роҳҳо шифокорон ба беморони ҳолаташон нисбатан сабук саривақт ёрии таъҷилӣ расонида метавонанд. Дар электроскутерҳо ҷомадони махсусе ҳаст, ки дар он дастгоҳи тиббӣ ва ҳама намуд дорую дармони хоси ёрии таъҷилӣ мавҷуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4584 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.